Reг. 446

**Тасдиқ шудааст**
**бо Фармоиши Вазири рушди иқтисод**
**ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**№9 аз 30 майи соли 2008**

## Номгӯи
## масъалаҳои назоратӣ, ки тибқи онҳо санҷиши субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» гузаронида мешавад

Номгӯи мазкур мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» таҳия шуда ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз тарафи кормандони мақомоти ваколатдори оиди риояи қонунгузории зиддимонополӣ истифода мешавад.

1. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ).
2. Сифат ва миқдори мол (кор, хизматрасонӣ).
3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати муқаррар намудани мӯҳлатҳои хизмат, коршоямӣ ва кафолати мол (кор).
4. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ).
5. Маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ).
6. Маълумот дар бораи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда).
7. Тартиби кори фурӯшанда (иҷрокунанда).
8. Ҷавобгарии амволи барои зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст.
9. Беэътибор донистани шартҳои шартномае, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозад.
10. Оқибати фурӯши моли дорои сифати номатлуб.
11. Мӯҳлати пешниҳоди талаботи истеъмолкунандагон нисбати нуқсони мол.
12. Мӯҳлати қонеъ гардонидани талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда.
13. Иваз намудани моли дорои сифати номатлуб.
14. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ).

15. Ҳисоббаробаркунӣ бо истеъмолкунанда ҳангоми харидани моли дорои сифати номатлуб.
16. Мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ).
17. Иҷрои кор аз масолеҳи (ашёи) истеъмолкунанда.
18. Оқибати аз ҷониби иҷрокунанда риоя нашудани мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ).
19. Сметаи иҷрои кор (хизматрасонӣ).
20. Иҷрои кор аз масолеҳи иҷрокунанда.
21. Тартиби пардохти музди кори иҷрогардида (хизматии расонида).
22. Қоидаҳои хизматрасонии маишӣ ва дигар намунаҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон.
23. Иҷроиши чораҳои ҷазои таъиннамудаи мақоми зиддиинҳисорӣ.
24. Ҳифзи манфиати гурӯҳи истеъмолкунандагон аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасони) – ро анҷом медиҳанд.
25. Амалӣ намудани корҳои санҷишӣ оиди ҳимояи манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон.